**аз 15.08.2019,**
**№388**

«Дар бораи татбиқ ва тартиби истифодаи нархҳои бозорӣ барои мақсадҳои андозбандӣ тавассути барномаҳои компютерии Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо»

070.030.010

Тибқи бандҳои 3 ва 16 Низомномаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №456 тасдиқ шудааст, ҷиҳати тибқи нархҳои бозорӣ ва дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани маъмурикунонии андозҳо,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Муқаррар карда шавад, ки ҳангоми аз ҷониби андозсупорандагон дар эъломияҳои андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз фоида ва андози тибқи низоми содакардашуда аз нарҳои (арзиши) бозорӣ паст нишон додани фурӯши молҳо (иҷрои корҳо, хизматрасониҳо), дар асоси «сарчашмаҳои расмии иттилоотӣ» нархҳои бозории таҳвили молҳо (иҷрои кор, хизматрасониҳо) муайян карда шуда, тавассути модули алоҳидаи барномаи компютерии Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо (СМИИА) аз рӯи фарқияти нархҳои ҷойдошта манбаҳои андоз муайян гардида, маблағи андозҳои муқарраргардида ба таври автоматӣ дар эъломияҳо ва дар варақаҳои ҳисоборобаркунии андозсупорандагон ба ҳисоб гирифта шавад.

2. Бо мақсади иҷрои талаботи моддаи 24 Кодекси андоз ҳангоми бо таври автоматӣ дар барномаи компютерӣ муайян намудани уҳдадориҳои андозии андозсупорандагон мутобиқи талаботи банди 1 ҳамин Фармоиш, тибқи усули «муқоисавии нархи идоранашаванда» талаботи бандҳои 4 – 12 Тартиби муайянкунӣ ва истифодабарии нархҳои бозорӣ барои мақсади андозбандӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2013, №212 тасдиқ шудааст, ба инобат гирифта шавад.

3. Барои дар давраи ҳисоботии андоз аз рӯи усули «муқоисавии нархи идоранашаванда» дуруст муайян намудани нархи бозории таҳвили молҳои (иҷрои корҳо ва хизматрасониҳои) андозсупорандагон,

ҳамчун асос манбаҳои расмии маълумот оид ба нархҳои бозории молҳо, махзани иттилоотии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии дахлдор (мақомоти омор, зиддиинҳисорӣ ва сохтмон) ва ҳамагуна иттилооти аз ҷониби андозсупорандагон, нархгузорон, экспертҳо ба мақомоти андоз дар давраҳои ҳисоботӣ пешниҳодшаванда (дастрасшаванда) ба ҳисоб гирифта мешавад.

4. Инчунин, ҳангоми ба таври автоматӣ дар барномаи компютерӣ муайян намудани нархҳои бозории молҳо (иҷрои корҳо, хизматрасониҳо) дастрас нагардидани манбаъҳои расмии маълумот тибқи талаботи банди 3 ҳамин Фармоиш, мутобиқ ба талаботи моддаи 23 Кодекси андоз ва банди 39 боби 9) Қоидаҳои татбиқи чораҳои мубориза зидди саркашӣ аз андозсупорӣ ва усулҳои алтернативии андозбандӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2009, №390 тасдиқ шудааст, бо истифода аз услуби «болонархӣ» дар ҳаҷми на кам аз 10 фоизи даромаднокии эҳтимолӣ, уҳдадориҳои ҳақиқии андозии андозсупоранда, дар варақаҳои ҳисоббаробаркунии онҳо муайян карда шавад.

5. Раёсати ташкили андозбандӣ тибқи талаботи моддаҳои 45 ва 89 Кодекси андоз тавассути барномаи компютерии «Утоқи шахсии андозсупоранда» оид ба таври автоматӣ дар варақаҳои ҳисоббаробаркунии андозсупорандагон ҳисоб гардидани уҳдадориҳои андозӣ тибқи банди 1 ҳамин Фармоиш, аз ҳисоби фарқияти бамиёномада ва аз нархҳои амалкунандаи бозорӣ паст дар эъломияҳои андоз нишон дода арзиши молҳои (иҷрои корҳо, хизматрасониҳо) таҳвилгардида, ба андозсупорандаи дахлдор огоҳиномаи электронӣ ирсол намояд.

6. Раёсатҳои ташкили андозбандӣ, хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, такмили қонунгузории андоз ва санадҳои меъёрии андоз, баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳо дар якҷоягӣ бо Нозиротҳои андозсупорандагони калон ва миёна, раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ оид ба муҳтавои Фармоиши мазкур ба андозсупорандагон семинар – машваратҳо гузаронида, бо назардошти таҳлилҳо ва пешниҳодҳои мақомоти ҳудудии андоз ва андозсупорандагон ҷиҳати такмили барномаҳои компютерии СМИИА ба роҳбарияти Кумитаи андоз таклифҳои мушаххас ва асоснок пешниҳод намоянд.

7. Раёсатҳои ташкили андозбандӣ, хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳо тибқи Фармоиши мазкур раванди ба таври автоматӣ дар ҳисобварақаи андозсупорандагон дуруст дарҷ гардидани маблағи андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз фоида ва андози тибқи низоми содакардашударо тавассути барномаи компютерӣ таҳти назорати

доимӣ қарор дода, ҷиҳати ислоҳи камбудиҳо ва саривақт баррасӣ намудани мурочиатҳои андозсупорандагон, чораҷӯӣ намоянд.

8. КВД "Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз" ҷиҳати мутобиқ намудани барномаҳои компютерии СМИИА ва дар амал татбиқ намудани муқаррароти банди 1 Фармоиши мазкур, чораҷӯӣ намояд.

9. Фармоиши мазкур барои бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

10. Фармоиши мазкур як моҳ пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

11. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи Муовини якуми Раиси Кумитаи андоз вогузор карда шавад.

Раис Н. Давлатзода